**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 30 саҳ).**

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз ниҳоди асосие мебошад, ки бе механизм ва принсипҳои он амалисозии функсияҳои он аз имкон берун аст. Зеро давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон кафили волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад, ки шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳаммият холӣ нест. Он яке аз мавзуъҳоест, ки дер боз дар таваҷҷуҳи марказии олимон ва донишмандон қарор дорад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун ниҳоди муҳимми соҳаи ҳуқуқшиносӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷомеа баромад мекунад. Зеро дар аксарияти қонунҳо дар сурати вайрон намудани муносибатҳои дахлдори соҳа ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ пешбинӣ мешавад, ки муносибатҳои ҷомеаро аз таарузу таҷовуз нигоҳ медорад ва ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хизмат мекунад.

Сатҳи қонуният ва ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ сифати меъёрҳои ҳуқуқиро бозгу менамояд, ки дар ниҳоят ба таъсирнокии рафтори одамон ба муносибатҳои ҷомеа мусоидат менамояд. Аммо, доираи масъалаҳое, ки ба мақсадҳо, принсипҳои он ва шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқамананд, ба қадри зарурӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши мушкилоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илми ҳуқуқи ватанӣ бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ таснифи мухталифи ҷавобгарӣ аз ҷониби олимон ироа гардидааст. Олимони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқшиносӣ, функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои соҳаҳои ҳуқуқ, функсияҳои меъёрҳои гуногуни ҳуқуқ ва як қатор дигар проблемаҳои муҳимро мавриди пажуҳиши амиқ қарор додаанд. Аммо,

ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва аз ҳама муҳимаш ба шаклҳои амалисозии онҳо таваҷҷуҳи на онқадар лозим зоҳир намудаанд. Бо назардошти асосҳои зикршуда метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи унвонҷӯ Ализода И.И. оид ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳими назариявию амалӣ дорад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммияти назариявию амалӣ орӣ нест.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 3 воситаи таълимӣ, 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бар меояд, ки таҳқиқбаранда паҳлуҳои гуногуни масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳоро бисёр хуб омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Ализода И.И. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи қонунгузории соҳавӣ ҷиноятӣ, маданӣ, конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои такмили қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ гардидаст. Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд:

1. Таҳқиқибаранда дар автореферат масъалаи таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар доираи соҳаи оммавӣ ва хусусӣ ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор надодааст. Муаллифро беҳтар мебуд, ки оиди масъалаи мавриди назар таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд.

2. Муаллиф қабул кардани “Стратегия пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон”-ро пешниҳод намудааст, вале ӯ пешниҳод накардааст, ки ҳуҷҷати мазкур дарбаргирандаи кадом мазмуну муҳтаво ва нишондодҳо бошад. Ҳамзамон муаллиф қабули стратегияи мазкурро бо мақсади ҷалби тамоми субъектон дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба мақсад мувофиқ донистааст. Хуб мебуд, муаллиф ҳайати субъектони баамалбарорандаи стратегияи мазкур ва доираи амали онро пешниҳод мекард. Ба андешаи мо, пешниҳоди мазкур нокомил буда, шарҳи иловагии муаллифро талаб менамояд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баҳснок мебошад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафарбекзода Ҳ. С

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айни 67
Тел.: +992915400909, Е-майл: hukmiddih-1981@mail.ru

**Имзои Сафарбекзода Ҳ. С. - ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
«31» 12 2024 Исозода Т.И.